**Саволномаҳо аз фанни кори ҳамширагӣ дар момоӣ ва бемориҳои занона барои ихтисоси кори момодоягӣ, омӯзгорон: Раҳимова Ш. ва Назарзода М. нимсолаи 6, рейтинги 1.**

**1.Ғадудҳои калони даромадгоҳи маҳбал ҷойгиранд:**
A.дар асоси лабҳои хурди ҷинсӣ; BДар ғафсии қисмати мобайнии лабҳои калони ҷинсӣ
C.Дар ҷуяки байни сеяки поёнии лабҳои хурд ва калон
D.Дар ғафсии қисмати қафогии лабҳои калони ҷинсӣ

**2.Кадом узвҳо ба узвҳои берунии ҷинсӣ дохил намешаванд?**
A) зиҳор; B) лабҳои калони таносулӣ; C)лабҳои хурди таносулӣ; Д)маҳбал; E) пундук.

**3.Ҳудуди байни узвҳои берунӣ ва дарунии таносулии занона чӣ мебошад?**
A) лабҳои хурди ҷинсӣ; B) пардаи бокирагӣ; C)ғадудҳои калони даҳлези маҳбал;
Д) пундук; E) маҳбал;

**.Ба узвҳои дохилии ҷинсӣ чиҳо дохил мешаванд?**
A)бачадон ва маҳбал; B)ғадудҳои бартолинӣ; C) пундук;
Д)маҷрои пешобрез; E)пардаи бокирагӣ;

**5.Қабати дарунии бачадон чӣ мебошад?**
A)Қабати мушакӣ; B)қабати серозӣ; C)қабати мухотӣ;
Д)пайкари бачадон; E)гарданаи бачадон;

**6.Ба вазифаи тухмдонҳо чиҳо дохил мешаванд?**
A)бордоршавӣ; B)ҳаракати туҳмҳуҷайра; C)инкишофёбии ҷанин;
Д)пухта расидани туҳмҳуҷайра; E)ҳифз кардан;

**7.Дарозии тухмрон дар давраи наслофарӣ чанд мебошад?**
A)5-6см; B) 7-8см; C)9-10см; Д)10-12см; E)15-18см.

**8. Вазифаи тухмронии (найи) бачадон чӣ мебошад?**
A)ҳосилшавии ҳормонҳо; B)ҳифз кардан; C)ҳайзӣ; Д)бордоршавӣ; E)рониши ҷанин;

**9.Вазифаи тухмронии (найи) бачадон чӣ мебошанд?**
A)ҳосилшавии ҳормонҳо; B)ҳифз кардан; C)ҳайзӣ;
Д)ҳаракати тухмҳуҷайра; E) рониши ҷанин;

**10.Ба тестҳои ташхисии функсионалӣ чиҳо мансубанд?**
A)аломати ёзидани луоби гарданаи бачадон; B)ҳарорати базалӣ; C)тестӣ колпоситологӣ;
Д)биопсияи андарунпардаи бачадон; E)ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**11.Кадом ҳормонҳо дар тухмдонҳо ҳосил мешаванд?**
A) эстрогенҳо ва гесагенҳо; B) ҷисмаки зардофар; C) фаъолкунандаи тухмпазиш;
Д) широфар; E) рилизингомилҳо;

**12. Ба вазифаи тухмдонҳо чиҳо дохил мешаванд?**
A) бордоршавӣ; B) ҳаракати тухмҳуҷайра; C) инкишофёбии ҷанин;
Д) ҳосилшавии ҳормонҳо; E) муҳофизатӣ;

**13. Кадом қабати девораи бачадон қабати берунӣ мебошад?**
A) мушакӣ; B) серозӣ (зардобӣ); C) мухотӣ; Д) пайкари бачадон; E) гарданаи бачадон;

**14. Ба вазифаи бачадон чиҳо дохил мешаванд?**
A) бордоршавӣ; B) ҳаракати тухмҳуҷайра; C) пухта расонидани тухмҳуҷайра;
Д) ҳайзӣ; E) муҳофизатӣ;

**15. Ба вазифаи бачадон чиҳо дохил мешаванд?**
A) бордоршавӣ; B) ҳаркати тухмҳуҷайра; C) пухта расидни тухмҳуҷайра;
Д) афзоиши ҷанин; E) муҳофизатӣ;

**16. Ба вазифаи асосии узвҳои берунии таносулӣ чӣ дохил мешавад?**

A) бордоршавӣ; B) ҳаракати тухмҳуҷайра; C) пухта расидани тухмҳуҷайра;
Д) афзоиши ҷанин; E) муҳофизатӣ;

**17. Кадоме аз гумбадҳои маҳбалӣ аз ҳама чуқур мебошад?**

A)қидомӣ; B)қафогӣ; C)гумбади рост; Д)гумбади чап; E)ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд.

**18. Чиро «тарқиши таносулӣ» меноманд?**

A) фазое, ки аз пеш бо пундук аз қафо бо васлаи қафогии лабҳои таносулӣ, аз паҳле бо сатҳи дарунии лабҳои хурди таносули маҳдуд мебошад;
B) фазои байни лабҳои калони таносулӣ; C) хате, ки аз васлаи қафо то серохии мақъад меравад; Д) фазои байни васлаи қафо (аз пеш), серохии мақъад (аз қафо) аз чинҳои қадкашаки аз паҳле; E) фазои байни лабҳои калон ва хурди таносулӣ;

**19.Чатани момоӣ чист?**

A) фазое, ки аз пеш бо пундук, аз қафо бо васлаи қафогии лабҳои таносулӣ, аз паҳле бо сатҳи дарунии лабҳои хурди таносулӣ маҳдуд мебошад; B) фазои байни лабҳои калони таносулӣ; C) хате, ки аз васлаи қафо то сурохии мақъад меравад; Д) фазои байни васлаи қафо (аз пеш), серохии мақъад (аз қафо) ва инҳои қадкашаки аз паҳле;
E)фазои байни лабҳои калон ва хурди таносели;

**20. Чиро «дарзи чатан» меноманд?**

A) фазое, ки аз пеш бо пундук, аз қафо бо васлаи кафидагии лабҳои хурди таносулӣ маҳдуд мебошад; B) фазои байни лабҳои калони таносулӣ; C) хате, ки аз василаи қафо то серохии мақъад меравад; Д) фазои байни васлаи қафо (аз пеш), сурохии мақъад (аз қафо) ва чинҳои қадкашакӣ аз паҳлу; E) фазои байни лабҳои калон ва хурди таносулӣ;

**21.Чиро даҳлези маҳбал мегуянд?**

A) Фазое, ки аз пеш, аз қафо бо васлаи қафогии лабҳои таносулӣ, аз паҳле бо сатҳи дарунии лабҳои хурди таносулӣ маҳдуд мебошад; B) фазои байни лабҳои калони таносулӣ; C) хате, ки аз василаи қафо то сурохии мақъад меравад; Д) фазои байни василаи қафо (аз пеш), сурохии мақъад (аз қафо ) ва чинҳои қадкашакӣ аз паҳлӯ;
E) фазои байни лабҳои калон ва хурди таносулӣ;

**22. Ба вазифаи ғадудҳои бартолинӣ чиҳо дохил мешаванд?**

A).ҳосили ҳормонҳо; B) ҳайзӣ; C)таносулӣ; Д) тарашшеҳоти онҳо даромадгоҳи маҳбалро намнок мекунад; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**23. Ба узвҳои дохилии таносулии занона чиҳо дохил мешаванд?**

A) маҳбал; B) бачадон; C) тухмдонҳо; Д) тухмронҳо; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**24. Ғадудҳое, ки тарашшуҳоти онҳо даромадгоҳи маҳбалро намнок мекунанд чӣ ном доранд?**

A) пундук; B) ғадудҳои назди найчаи пешобрез; C) ғадудҳои бартолинӣ;
Д) тухмдонҳо; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**25. Узве, ки дар кунҷи пеши тарқиши таносулӣ ҷойгир шудааст ва узви ҳисси шаҳвонӣ мебошад, чӣ ном дорад?**

A. пундук; B) ıадудҳои назди найчаи пешобрез; C) ıадудҳои бартолинӣ;
Д) тухмдонҳо; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**26. Вазифаи қаламчамикробҳои маҳбалии Дедерлейн чӣ мебошад?**

A) худпокизагардонии маҳбал; B)ҷинсӣ; C) ҳайзӣ; Д) ҳосили ҳормонҳо;
E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**27. Кадом девораи маҳбал дарозтарин мебошад?**

A) қидомӣ; B)қафоӣ; C)паҳлеи рост; Д) паҳлеи чап; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**28. Қадом девораи маҳбал аз ҳама кетоҳ мебошад?**

A. қидомӣ; B)қафой; C)паҳлеи рост; Д)паҳлеи чап; E)ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**29.Узви суфтамушакии ковокидор, ки намуди нокшаклро дорад, чӣ ном дорад?**
A) маҳбал; B) бачадон; C) тухмдон; Д) тухмрон; E) пундук;
**30. Узви таносулии занона, ки бодомшакл мебошад, чӣ ном дорад?**
A) маҳбал; B) бачадон; C) тухмдон; Д) тухмрон; E) пундук;
**31.Узви таносули занона, ки дар канори болоии бандаки васеи бачадон ҷойгир шудааст, чӣ ном дорад?**
A) маҳбал; B) бачадон; C) тухмдон: Д) тухмрон; E) пундук;
**32. Дар кадом қисми тухмронҳо бордоршавӣ мешавад?**
A) байнибофтаӣ; B) тангҷойӣ; C) ҳабобӣ; Д) дар қиф; E) дар шилшилаҳои тухмронҳо;
**33. Кадом қабати бачадон қабати мобайни мебошад?**
A) мухотӣ; B) мушакӣ; C) серозӣ; Д) базалӣ; E) функсионалӣ;
**34. Хунравӣ аз роҳҳои таносулӣ дар охири даври ҳайзбинӣ чӣ ном дорад?**
A) ҳайзбинӣ; B) овулятсия; C) имплантатсия;
Д) ҳаракати тухмҳуҷайра; E) даври ҳайзбинӣ;
**35. Давомнокии даври ҳайзбинӣ чӣ хел ҳисобида мешавад?**
A) аз рези нахустини ҳайзбинӣ то рези охирини ҳайзбинии навбатӣ;
B) аз рези нахустини ҳайзбинӣ то рези нахустини ҳайзбинии навбатӣ;
C) аз саршавии ҳайзбинӣ то тамомшавии он; Д) аз рези охирини ҳайзбинӣ то рези нахустини ҳайзбинии навбатӣ; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**36. Давомнокии даври ҳайзбинии идеалӣ чанд рӯз мебошад?**
A) аз 21 рӯз камтар; B) зиёда аз 35 рӯз; C) 28 рӯз; Д) 35 рӯз; E) 15 рӯз.
**37. Таииротҳо дар сохтор ва фаъолияти бачадон таҳти таъсиррасонии ҳормонҳои ҷинсӣ, чӣ номида мешаванд?**
A) даври бачадонӣ; B) овулятсия; C) имплантатсия;
Д) ҳаракати тухмҳуҷайра; E) даври тухмдонӣ;
**38.Раванди мураккаби бонизом такрорёбандаи биологӣ, ки вуҷуди занро барои ҳомиладорӣ омода мегардонад, чӣ ном дорад?**
A) ҳайзбинӣ; B) овулятсия; C) имплантатсия; Д)ҳаракати тухмҳуҷайра; E)даври ҳайзбинӣ;
**39. Дар кадом марҳила кафидани фоликули расидаи калон ҷой дорад?**
A) фолликулинӣ; B) овулятсия; C)марҳилаи инкишофи ҷисмаки зард;
Д) ҷудошавӣ; E) секретсия;
**40.Тағйиротҳо дар сохтори ва фаъолияти бачадон таҳти таъсиррасонии ҳормонҳои ҷинсӣ чӣ номида мешавад?**
A) даври бачадонӣ; B) овулятсия; C) имплантатсия;
Д) ҳаракати тухмҳуҷайра; E)даври тухмдонӣ;
**41.Тағйиротҳо дар сохтор ва фаъолияти тухмдонҳо ҳангоми даври ҳайзбинӣ чӣ номида мешаванд?**
A)даври бачадонӣ; B)овулятсия; C)имплантатсия;
Д)ҳаракати тухмҳуҷайра; E) даври тухмдонӣ;
**42. Ҳайзбинии нахустин дар марҳилаи инкишофи ҷинсӣ чӣ ном дорад?**
A) телархе; B) пубархе; C) менархе; Д) инфантилизм; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**43. Чанд зинаи танзими даври ҳайзбиниро фарқ мекунанд?**
A) 2; B) 3; C) 4; Д) 5; E) 6;
**44. Рилизинг-омил дар куҷо ҳосил мешавад?**
A) қишри сармағз; B) зоиди майна (гипофиз); C) ҳипоталамус;

Д)  тухмдонҳо; Е) бачадон;

**45. Дар марҳилаи якуми давраи ҳайзбинӣкадом ҳормони зоиди майна (ҳипофиз) ҳосил мешавад?**

А) фаъолкунандаи тухмсабзиш; В) ҷисмаки зардофар; С) широфар;

Д) прогестерон; Е) эстроген;

**46. Даври бачадонӣ аз чанд марҳила иборат аст?**

А) аз як марҳила; Б) аз чор марҳила; С) аз ду марҳила;

Д) аз панҷ марҳила; Е) аз се марҳила;

**47. Ба марҳилаи даври бачадонӣ чиҳо дохил мешаванд?**

А) фоликулинӣ;  В) ҷудошавӣ (деквамагсия); С) овулятсия;

Д) инкишофи ҷисмаки зард; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**48. Дар кадом  марҳила кафидани фоликули расидаи калон ҷой дорад?**

А) фолликулинӣ; В) овулятсия;  С) марҳилаи инкишофи ҷисмаки зард;

Д) ҷудошавӣ;       Е) секретсия;

**49. Кадом ҳормон дар марҳилаи инкишофи фоликулҳо дар тухмдонҳо ҳосил мешавад?**

А) прогестерон; В) фаъолкунандаи тухмсабзиш; С) эстрогенҳо;

Д) широфар Е) релизинг – омил

**50.Кадом ҳормонҳоро ҷисмаки зард ҳосил мекунад?**

А) эстрогенҳо;  В)прогестерон; С) фаъолкунандаи тухмсабзиш;

Д) широфар;     Е) релизинг – омил;

**51. Дар танзими фаъолияти ҳайзбинӣ кадом ҳормонҳои зоиди майна (ҳипофиз) иштирок менамоянд?**

А) эстрогенҳо; В) прогестерон; С) фаъолкунандаи тухмсабзиш,  ҷисмаки зардофар ва широфар; Д) релизинг – омил; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**52. Ба марҳилаи даври тухмдонӣ кадомҳо дохил мешаванд?**

А) секретсия; В) марҳилаи овулятсия; С)ҷудошавӣ; Д) барқароршавӣ; Е) пролифератсия;

**53. Бамарҳилаи даври тухмдонӣ чӣ дохил мешавад?**

А) секретсия; В) марҳилаи инкишофи ҷисмаки зард; С) ҷудошавӣ;

Д) барқароршавӣ; Е) пролефератсия;

**54. Ба эстрогенҳои асосии  тухмдонҳо чиҳо дохил мешавад?**

А) эстрадиол, эстрон, эстриол; В) фаъолкунандаи тухмсабзиш; С) широфар;

Д)   релизинг – омил; Е) прогестерон;

**55.Якум марҳилаи даври бачадонӣ чӣ ном дорад?**

А) ҷудошавӣ; В) барқароршавӣ; С) пролефератсия; Д) тарашшуҳотӣ; Е) овулятсия;

**56.Дуюм марҳилаи даври бачадонӣ чӣ ном дорад?**

А) ҷудошавӣ; В) барқароршавӣ; С) пролефератсия; Д) тарашшуҳотӣ; Е)  овулятсия;

**57.Сеюм марҳилаи даври бачадонӣ чӣ ном дорад?**

А) ҷудошавӣ; В) барқароршавӣ; С) пролифератсия; Д) тарашшуҳоти;  Е) овулятсия;

**58.Чорум марҳилаи даври бачадонӣчӣ ном  дорад?**

А) ҷудошавӣ; В) барқароршавӣ; С) пролифиратсия; Д) тарашшуҳотӣ; Е) овулятсия;

**59.Якум марҳилаи даври тухмдонӣ чӣ ном дорад?**

А) фоликулини; В) овулятсия; С) инкишофи ҷисмаки зард; Д) ҷудошави; Е) тарашшуҳотӣ;

**60.Дуюм марҳилаи даври тухмдонӣ чӣ ном дорад?**

А) фоликулинӣ; В)  овулятсия; С) инкишофи чисмаки зард; Д) ҷудошавӣ; Е)тарашшуҳотӣ;

**61.Сеюм марҳилаи даври тухмдонӣ чӣ ном дорад?**
А) фоликулинӣ;  В) овулятсия; С) инкишофи ҷисмаки зард; Д) ҷудошавӣ;Е) тарашшуҳотӣ;
**62.Марҳилаи ҳаёти зан аз 15 то 45 солагӣ чӣ ном дорад?**
А)кӯдакӣ; В)навзодӣ; С)камолоти чинсӣ (наслофарӣ); Д)қатёбии ҳайзбинӣ; Е) кӯҳансолӣ;
**63.Марҳилаи ҳаёти зан аз 45 то 60 солагичӣ ном дорад?**
А) кӯдакӣ; В) навзодӣ; С) инкишофёбии ҷинсӣ; Д) қатъёбии ҳайзбинӣ; Е) кӯҳансолӣ;
**64.Марҳилаи ҳаёти зан то 8 солагӣ чӣ ном дорад?**
А) кӯдакӣ; В) навзодӣ; С) инкишофёбии ҷинсӣ; Д) қатъёбии ҳайзбинӣ; Е) кӯҳансолӣ;
**65.Марҳилаи инкишофёбии ҷинсӣ чӣ ном дорад?**
А) кӯдакӣ; В) пубертатӣ; С) навзодӣ; Д) қатъёбии ҳайзбинӣ; Е) кӯҳансолӣ;
**66.Кадом марҳилаи ҳаёти зан дарозтарин мебошад?**
А) кӯдакӣ; В) навзодӣ; С) камолоти ҷинсӣ (наслофарӣ); Д) қатъёбии ҳайзбинӣ; кӯҳансолӣ;
**67.Дар кадом марҳилаи ҳаёти зан қатъ ёфтани ҳамаи функсияҳои ҳаётан муҳим оҳиста-оҳиста мегузарад?**
А) кӯдакӣ; В) навзодӣ; С) камолоти ҷинсӣ (наслофарӣ);
Д) қатъёбии ҳайзбинӣ; Е) куҳансолӣ;
**68.Якҷояшавии тухмҳуҷайраҳои занона ва мардона чӣ ном дорад?**
А) бордоршавӣ; В) овулятсия; С) ҳайзбинӣ; Д) зоиш; Е) даври ҳайзбинӣ;
**69.Ба нишонаҳои шубҳаноки ҳомиладорӣ чиҳо дохил мешаванд?**
А)қатъ гардидани ҳайзбинӣ; В)дилбеҳузурӣ, қайъкунӣ, тағйирёбии иштиҳо;
С)пайдошавии ширфала аз нӯги пистонҳо; Д)ҳаракатҳои ҷанин; Е)шунидани дилзании ҷанин;
**70.Ба нишонаҳои эҳтимолии ҳомиладорӣ чиҳо доҳил мешаванд?**
А) қатъ гардидани ҳайзбинӣ ва пайдошавии ширфала аз нӯги пистонҳо;
В) дилбеҳузурӣ, қайъкунӣ, тағйирёбии иштиҳо; С) тағйирёбии ҳиссиёти беёдӣ;
Д) ҳаракати ҷанин; Е) шунидани дилзании ҷанин;
**71.Нишонаҳои эҳтимолии ҳомиладорӣ «асисметрияи бачадон»  чӣ ном дорад?**
А)  нишонаи Гентер; В) нишонаи Снегирев; С) нишонаи  Пискачек;
Д) нишонаи  Горвис – Гегар; Е) нишонаи Совянов;
**72.Кадом нишона ба нишонаҳои ҳақиқӣ доҳил мешавад?**
А) ҳаракати ҷанин; В) шунидани дилзании ҷанин; С) қатъ гардидани ҳайзбинӣ;
Д) палмосида шудани қисмҳои ҷанин; Е) аксёбии ҷанин дар мавриди таҳқиқоти фавқулсадоии ҷанин;
**73.Мувофиқи формулаи Гаазе дарозии ҷанин 9см ба кадом муҳлати ҳомиладорӣ мувофиқ  мебошад?**
А) 3моҳ; В) 4 моҳ; С) 5 моҳ; Д) 6 моҳ; Е) 9 моҳ;
**74.Вазни ҷанин дар 22 ҳафтаи ҳомиладорӣ чанд грам мебошад?**
А) 500г; В) 800г; С) 1000г; Д) 1500г; Е) 2000г;
**75.Баландии  истодани таги бачадон дар 32 ҳафтаи ҳомиладорӣ чанд см мебошад?**
А) 25см; В) 30см; С) 35см; Д) 40см; Е) 16см;
**76.Ҳаҷми обҳои наздиҷанинӣ дар охири ҳомиладорӣ дар меъёр чанд мл-ро ташкил медиҳанд?**
А) 100мл; В) 500мл; С) 1000мл; Д) 2000мл; Е) 5000мл;
**77.Вазифаҳои асосии машима чиҳо мебошанд?**
А) нафасӣ; В) ғизодиҳии ҷанин; С) ихроҷи маҳсули мубодилаи моддаҳо;
Д) ҳормонӣ; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**78.Ба зудӣ баҳодиҳии ҳолати зан аз чӣ иборат мебошад?**
А) аз баҳодиҳии мавҷуд будани ҳуш; В) мавҷуд будани нафаскашӣ; С) санҷидани фишори шараёнӣ ва набз; Д) баҳодиҳии ҳарорати бадан, ранги пуст ва мухотпардаҳои намудорбуда; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**79.Назорати антенаталиро кӣ таъмин менамояд?**
А) дар бунгоҳи тиббӣ – момодоя; В) дар Маркази саломатии деҳотӣ – духтури оилавӣ; С) Ҳангоми мавҷуд будани аворизҳо – духтури акушер – гениколог;
Д) дар Маркази саломатии ноҳиявӣ – духтури оилавӣ; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**80.Дар мавриди ба қайди антенаталӣ гирифтани ҳомиладор дар аёдати аввалин кадом ҳуҷҷат пур карда мешавад?**
А) Гравидограмма; В) картаи фардии ҳомиладорӣ ва зани зоянда; С) Картаи санҷишии назорати диспансерӣ; Д) Картаи тиббии бемори амбулаторӣ;
Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд.
**81.Ҳангоми аз 17 сола хурдтар будани ҳомиладор назорати зан аз ҷониби кӣ гузаронида мешавад?**
А) момодоя; В) духтури оилавӣ; С) ҳамшираи оилавӣ; Д) духтури момой – геникологӣ, Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**82.Ба нишонаҳои хатарноке, ки дар мавриди онҳо бетаъхир ба таваллудхона мурочиат намудан зарур аст, чиҳо дохил мешавад?**
А) тарашшуҳоти хунолуд аз маҷрои таносулӣ; В) хуруҷи кашишхуриҳои мушакҳо;
С) сардардӣ, дилбеҳузурӣ, қайъкунӣ, вайроншавиҳои биноӣ; Д) баландшавии ҳарорат, беҳолии шадид, дамкутоҳӣ; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**83.Кадом вақт маслиҳатдиҳии ҳомиладорон оиди нишонаҳои хатарнокӣ гузаронида мешавад?**
А)ҳангоми аёдати якум (то 12 ҳафтаи ҳомиладорӣ); В) ҳангоми ҳар як аёдат;
С) дар аёдати 3-юм; Д) дар аёдати 4-ум; Е) дар аёдати 7 –ум;
**84.Ҳангоми ҷараёнгирии эътидолии ҳомиладорӣ, ҳомиладор ба Маркази солимии Наслофарӣ чанд маротиба ташриф меоварад?**
А) 2 маротиба дар як моҳ; В) ҳамагӣ 7 маротиба ҳангоми ҳомиладорӣ; С) ҳар ҳафта;
Д) ҳангоми пайдоиши муаммо; Е) 3 маротиба дар як моҳ;
**85.Фосилаи минималӣ байни ҳомиладориҳо бояд чанд сол бошад?**
А) 5сол; В) 4сол; С) 3сол; Д)2сол; Е) 1сол;
**86.Коси занона аз чанд устухон иборат аст?**
А) 1; В) 2; С) 3; Д) 4; Е) 5;
**87.Чанд пайвастагии косро фарқ мекунанд?**
А) 2; В)3; С) 4; Д) 5; Е) 6;
**88.Меъёрҳои қутри ҳақики ба чи баробар аст?**
А) 13см; В) 11см; С) 20-21см; Д) 9см; Е) 20см;
**89.Маслиҳатдиҳии гурӯҳии ҳомиладорон оиди кадом мавзӯъҳо гузаронида мешавад?**
А) оиди таёрии зан ба таваллуд; В)тайёр намудпни шарики зан ба таваллуд; С) оид ба ширмаконии пистони; Д) пешгирии ҳамл; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**90.Аз кадом мӯҳлати ҳомиладорӣ баландии истодани таги бачадон чен карда мешавад?**
А) аз 12 ҳафта; В) аз 18-20ҳафта; С) аз 26 ҳафта; Д) аз 36ҳафта; Е) аз 38ҳафта;

**91. Аз кадом мӯҳлати ҳомиладорӣ баҳодиҳии инкишофи ҷанин аз рӯи гравидограмма гузаронида мешавад?**
А) аз 12 ҳафта; В) аз 20 ҳафта; С) аз 26 ҳафта; Д) аз 36 ҳафта; Е) аз 38 ҳафта;
**92.Гравидограмма чист?**
А) графики (ҷадвали) нишондодҳои вазни зани ҳомиладор; В) графики баландии истодани таги бачадон; Д) графики нишондодҳои қади зани ҳомиладор; Е) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
**93.Ҳангоми нишондодҳои баландии истодани таги бачадон поён аз хати поёнии гравидограмма (10 персентили) ҷойгир бошад, он гоҳ вуҷуд доштани кадом ҳолатҳо имконпазир аст?**
А) бисёробӣ; В) бисёрҷанинӣ) С) ҷанини калон; Д) мушакомоси (миомаи) бачадон;
Е) таваққуфи инкишофи ҷанин, мавқеъи кундалангӣ ё уреб;
**94.Ҳангоми чен кардани баландии истодани таги бачадон дар меъёр зиёдшавии нишондоди он дар як ҳафта чанд см мебошад?**
А) 0,5см; В) 1см; С) 2см; Д) 3см; Е)ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
**95. Дар мавриди гузаронидани аёдат дар хона момодоя бо худ кадом лозимотҳоро намегирад?**
А) фишорсанҷак ва фонендоскоп; В) тасмаи сантиметрӣ; С) найчашишаҳо барои ҷӯшонидани пешоб ё тесттасмача; Д) косченкунак; Е) сониясанҷак, стетоскопи момоӣ;
**96. Мақсади назорати ҳамшираи тиббӣ дар марҳилаи қаблизоишӣ чӣ мебошад?**
А)омезонидан, маслиҳатдиҳӣ ва дастгирии оила оид ба ҳамаи масъалаҳои ба ҳомиладорӣ дахолатдошта; В) ба зан омӯзонидани тарзи ҳаёти солим; С) расонидани ёрии аввал; Д) парасторӣ ва муайян намудани нишонаҳои хатарнок; Е) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
**97. Давомнокии марҳилаи сеюми зойиш дар меъёр чанд вақтро ташкил медиҳад?**
А) 1-2соат; В) аз чанд дақиқа то 30; С) 8 – 10 соат; Д) то 2 соат; Е) 3 – 4 соат;
**98. Марҳилаи сеюми зоиш чӣ ном дорад?**
А) рониши ҷанин; В) ҳамроҳакӣ; С) баъди зоиш; Д) кушодашавии гарданаи бачадон;
Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**99. Меъёри андозаи кундалангии хурд чанд см мебошанд?**
А) 9,5см; В) 8см; С) 10,5см; Д) 11см; Е) 13см;
**100.Бо мақсади пешгирии нуқсонҳои инкишофи ҷанин ба зан 2 моҳ пеш аз ҳомиладоршавӣ ва 3 моҳи авали ҳомиладорӣ қабули кадом дору зарур мебошад?**
А) суфати оҳан; В) кислотаи фолий; С) витамини Д; Д)калтсий; Е) витамини С;
**101. Нишондодҳо барои гузаронидани маслиҳатдиҳии тиббӣ-ирсӣ чиҳо мебошанд?**
А) таваллуд кардани кӯдакон бо нуқсонҳои инкишофӣ; В) никоҳ бо хешовандон;
С) бачапартоии одатӣ; Д)никоҳи безурёт; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
**102. Ҳангоми пешистии коси ҷанин варзишиислоҳкунанда бо услуби Дикан дар кадом муҳлат гузаронида мешавад?**
А) 14 – 20 ҳафта; В) 21 – 22 ҳафта; С) 28 – 35 ҳафта; Д) 23-24 ҳафта; Е) 36-40 ҳафта;
**103. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои асосии фавти модарон чӣ мебошад?**
А)ҳолати фишорбаландӣ ҳангоми ҳомиладорӣ; В) ҳомиладорӣ дар заминаи бемориҳои ғайританосулӣ ва хунравиҳои момоӣ; С) исқоти ҳамл; Д) сироят; Е) даридани бачадон;
**104. Мафҳуми фавтияти перенитали чӣ мебошад?**
А) фавтияти ҷанин дар вақти зоиш; В) марг дар атрофи зоиш – қабл аз зоиш, дар вақти зоиш ва баъди зоиш; С) мурдатаваллудкунӣ; Д) фавтияти ҷанин то 12 ҳафта;

E) фавтияти ҷанин дар батни модарӣ

**105. Фавтиятӣ навзодон чист?**

A) фатиятӣ навзодон дар ҳафтаи аввали баъди зоиш; B) фавтиятӣ навзодон дар 1моҳи зиндагӣ; C) фавтиятӣ навзодон дар 1 соли зиндагӣ; Д) фавтиятӣ навзодон дар 2 соли зиндагӣ; E) фавтиятӣ навзодон дар 3соли зиндагӣ;

**106.Вазифаҳои танзими оила чиҳо мебошанд?**

A) аз ҳомиладории номатлуб соқит гаштан; B) фосилаҳои байни ҳомиладориро ба танзим даровардан; C)ба олам фарзандони дилхоҳро офаридан; Д) миқдори фарзандон-ро дар оила муайян кардан; E)ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**107. Фосилаи минимали байни ҳомиладориҳо бояд чанд сол бошад?**

A) 5 сол; B) 4 сол; C) 3 сол; Д) 2 сол; E) 1 сол;

**108. Кадом муоина ба муоинаи берунии момоӣ дохил намешавад?**

A) чен кардани баландии истодани таги бачадон; B) таҳқиқот бо усулҳои Леополд;
C) гӯш кардани дилзании ҷанин; Д) таҳқиқоти маҳбалӣ; E) ченкунии андозаҳои кос;

**109. Кадом муоинаҳо ба муоинаҳои берунии момоӣ дохил мешаванд?**

A) Чен кардани баландии истодани таги бачадон; B) таҳқиқот бо усулҳои Леополд;
C) гӯш кардани дилзании ҷанин; Д) Ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;
E) ченкунии андозаҳои кос;

**110.Муносибати байниҳамдигарии қисмҳои алоҳидаи ҷанин чӣ ном дорад?**

A) мавқеъи ҷанин; B) вазъи ҷанин; C) ҷойгиршавии қисмҳои алоҳидаи ҷанин;
Д) намуди ҷанин; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**111. Муносибати тахтапушти ҷанин ба девораи пеш ё ақиби бачадон чӣ ном дорад?**

A) мавқеи ҷанин; B) вазъи ҷанин; C) ҷойгиршавии қисмҳои алоҳидаи ҷанин;
Д)намуди ҷанин; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**112. Муносибати меҳвари дарознокии ҷанин бо меҳвари бачадон чӣ мебошад?**

A) ҷаоби дуруст надорад; B) мавқеъи ҷанин; C) ҷойгиршавии қисмҳои алоҳидаи ҷанин;
Д) намуди ҷанин; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**113. Муносибати меҳвари дарознокии ҷанин ба меҳвари бачадон чӣ мебошад?**

A) вазъи ҷанин; B)пешистии ҷанин; C) ҷойгиршавии қисмҳои алоҳидаи ҷанин;
Д) намуди ҷанин; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**114. Усули якуми Леополд чиро муайян менамояд?**

A) қисми пешистодаро; B) мавқеъ ва вазъи ҷанинро; C) ҷойгиршавии саракро;
Д)сатҳи истодани таги бачадонро; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**115. Усули дуюми Леополд чиро муайян менамояд?**

A) қисми пешистодаро; B) мавқеъ ва вазъи ҷанинро; C) ҷойгиршавии саракро;
Д) сатҳи истодани таги бачадонро; E) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**116. Усули сеюми Леополд чиро муайян менамояд?**

A) қисми пешистодаро; B) мавқеъ ва вазъи ҷанинро; C) ҷойгиршавии саракро;
Д) сатҳи истодани таги бачадонро; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**117. Усули чоруми Леополд чиро муайян менамояд?**

A) қисми пешистодаро; B) мавқе ва вазъи ҷанинро; C) муносибати қисми пешистодаи ҷанинро ба ҳамвориҳои коси хурд;
Д) сатҳи истодани таги бачадонро; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**118.Масофаи спинарум чист?**

A) масофаи байни теғаҳои қидоми-болоии устухонҳои тиҳигоҳӣ; B) масофаи байни

нуқтаҳои дуртарини қирраҳои устухонҳои тиҳигоҳӣ; С) масофаи байни чеккиҳои калони устухонҳои рон; Д) масофаи байни миёнҷои канори болои-берунии банди зиҳор ва чуқурчаи болои чорбандӣ; Е) масофаи байни канори поёнии банди зиҳор ва нуқтаи ба пеш баромадаи димоғии чорбандӣ;

**119.Меъёри андозаҳои берунии кос ба чанд баробар аст?**

А) 22-25-29-18; В) 25-28-31-20; С) 25-25-28-30; Д) 23-25-28-17; Е) 21-23-25-17;

**120. Меъёри андозаҳои спинарум ба чанд баробар аст?**

А)24-25; В) 27-28; С) 25-26; Д) 30-31; Е) 12-13;

**121. Меъёри андозаҳои кристарум ба чанд баробар аст?**

А) 24-25; В) 28-29; С) 25-26; Д) 30-31; Е) 12-13;

**122. Меъёри андозаҳои трохантерика ба чанд баробар аст?**

А) 24-25; В) 28-29; С) 25-26; Д) 30-31; Е) 12-13;

**123. Меъёри андозаҳои қутри берунӣ ба чанд баробар аст?**

А) 20-21; В) 28-29; С) 25-26; Д) 30-31; Е) 12-13;

**124. Коси занона аз чанд устухон иборат мебошад?**

А) 1; В) 2; С) 3; Д) 4; Е) 5;

**125. Коси занона аз кадом устухонҳо иборат мебошад?**

А) 2 устухони косӣ, чорбанд ва думғоза; В) чорбанд ва думғоза; С) тиҳигоҳӣ, зиҳор ва нишастгоҳӣ; Д) зиҳор чорбандӣ – тиҳигоҳӣ, чорбандӣ-думғозагӣ; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд;

**126. Кадом пайвастагии косро фарқ мекунанд?**

А) 2 устухони косӣ, чорбанд ва думғоза; В) чорбанд ва думғоза; С) тиҳигоҳӣ, зиҳор ва нишастгоҳӣ; Д) банди зиҳор, чорбандӣ-тиҳигоҳигӣ, чорбандӣ-думғозагӣ; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст мебошанд.

**127. Чанд пайвастагии косро фарқ мекунанд?**

А) 2; В) 3; С) 4; Д) 5; Е) 6;

**127. Чордард чист?**

А) қувваҳои зоишӣ дар давраи якуми зоиш; В) падидоршавии сараки ҷанин аз таркиши таносулӣ; С) қувваҳои зоишӣ дар давраи дуюми зоиш, кашишхуриҳои бонизоми девораи шикам, диафрагма ва мушакҳои қаъри кос; Д) кашишхӯриҳои бонизом такроршавандаи бачадон; Е) ҳамаи ҷавобҳо дуруст аст;

**128. Зада даромадани сараки ҷанин чист?**

А)Дар фосилаҳои байни чордардҳо сараки ҷанин нопадид намегардад;

В) таваллуди сараки ҷанин;

С)аз таркиши таносули сараки ҷанин танҳо дар пурзурии чордардҳо намудор мегардад;

Д)фуромадани сараки ҷанин дар ковокии кос; Е)ҳамаи ҷавобҳо дуруст аст;

**129. Эндометрит чист?**

А) илтиҳоби тухмрон ва тухмдон; В) илтиҳоби қабати андарунпардагии (мухотии) Бачадон; С) илтиҳоби насҷӣчарбии наздибачадонӣ;

Д) илтиҳоби сифоки косӣ; Е) илтиҳоби тухмдонҳо;

**130. Параметрит чист?**

А) илтиҳоби тухмрон ва тухмдон; В) илтиҳоби қабати андарунпардагии (мухотии) бачадон; С) илтиҳоби насҷӣчарбии наздибачадонӣ; Д) илтиҳоби сифоки косӣ;

Е) илтиҳоби тухмдонҳо;

**131. Салпингоофарит чист?**

A) илтиҳоби тухмрон ва тухмдон; B) илтиҳоби қабатии андарунпардагии (мухотии) бачадон; C) илтиҳоби насчичарбии наздибачадонӣ; Д) илтиҳоби сифоки косӣ;
E) илтиҳоби тухмдонҳо;
**132. Барои пешистии косӣ чӣ хос мебошад?**
A) дилзании ҷанин болотар аз ноф гӯш карда мешавад; B) дилзании ҷанин поёнтар аз ноф гӯш карда мешавад; C) дилзании ҷанин дар баландии ноф гӯш карда мешавад;
Д) дилзании ҷанин дар баландии ноф аз тарафи чап гӯш карда мешавад;
E) дилзании ҷанин дар баландии ноф аз тарафи рост гӯш карда мешавад;
**133. Нишонаҳои кафидани чатан, чиҳо мебошанд?**
A) гумбазмонанд барҷаста баромадани чатан; B) пусти чатан тунук ва ҷилодор мешавад; C) пайдоиши кафидагиҳои хурдак дар пусти чатан; Д) пусти чатан аввал кабуд ва сипас сафед (рангпарида) мешавад; E) бутунии пусти чатан ва мушак
**134. Барои таҳдиди кафидани чатан, чӣ хос намебошад?**
A) гумбазмонанд барҷаста баромадани чатан; B) пусти чатан тунук ва ҷилодор мешавад; C) пайдоиши кафидагиҳои хурдак дар пусти чатан; Д) пусти чатан аввал кабуд ва сипас сафед (рангпарида) мешавад; E) бутунии пусти чатан ва мушакҳои маҳбал вайрон мешаванд;
**135. Кафидагиҳои чатанро бо чӣ медӯзанд?**
A. кутгути хромӣ, дексон, викрил; B) нейлон; C) лавсан; Д) супрамид; E) шёлк (риштаи абрешим);
**136. Ба масолеҳи духтии нест мешудагӣ чиҳо доҳил мешаванд?**
A) кутгути хромӣ, дексон, викрил; B) нейлон; C) лавсан; Д) супрамид; E) шелк(риштаи абрешим);
**137. Кадом марҳилаи ҳаёти занро момоӣ меомезад?**
A) давраи ҳомиладориро; B) давраи зоишро; C) марҳилаи бармаҳали баъдизоишӣ;
Д) марҳилаи дери баъдизоишӣ; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
**138. Кадом меъёрҳо дараҷаи ихтисоси момодояро муайян менамоянд?**
A) некуаҳволии моддӣ; B) дараҷаи дониш ва таҷрибаи он; C) мавҷуд будани диплом;
Д) маоши баланд; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
**139.Дианталогияи тиббӣ аз кадом қисмҳо иборат мебошад?**
A) корманди тиб ва бемор; B) корманди тиб ва хешовандони ӯ; C) кормандони тиб ва ҷамъият, давлат, қонун; Д) кормандони тиб ва ҳамкасбону ҳамкорони ӯ, коллектив;
E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
**140. Манбаи омӯзиши ахлоқ чӣ мебошад?**
A) қонун; B) тарзи солими ҳаёт; C) маънавиёт; Д) ғизо; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
**141. Дар кадом сол якумин дармонгоҳи занона дар шаҳри Душанбе кушода шуд?**
A) дар 1926 сол; B) дар 1947 сол; C) дар 1928 сол; Д) дар 1928 сол; E) 1938 сол;
**142. Муассисаҳои зинаи якум ба кадом ҳайати ҳомиладорон ёри мерасонанд?**
A) занони дорои хатари минималӣ ҳангоми ҳомиладорӣ ва зоиши физиологӣ;
B) ҳомиладорони дорои хатари баланд, таваллудкунӣ дар ҳафтаи 32-37 ҳомиладорӣ;
C) кӯмаки махсусгардонидашудаи тиббӣ ба занони дорои хатари баланд дар давраи ҳомиладорӣ ва пас аз таваллуд; Д) ба ҳамаи ҳомиладорон ва занҳои зоида;
E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
**143. Муассисаи зинаи дуюм ба кадом ҳайати ҳомиладорон ёри мерасонанд?**
A) занони дорои хатари минималӣ ҳангоми ҳомиладорӣ ва зойиши физиологӣ;
B) ҳомиладорони дорои хатари баланд, таваллудкунӣ дар ҳафтаи 32-37 ҳомиладорӣ;

C) кӯмаки махсусгардонидашудаи тиббӣ ба занони дорои хатари баланд дар давраи ҳомиладорӣ ва пас аз таваллуд; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**144. Ба муассисаи тиббии кадом зина ҳомиладорон бо рехтани тотаваллудии об дар давраи ҳомиладории камтар аз 34 ҳафта ва ихтилофи иммунологӣ аз рӯи системаи резус бистаригардонида мешаванд?**

A) зинаи якум; B) зинаи дуюм; C) зинаи сеюм; Д) бо хоҳиши зан; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**145. Принсипҳои асосии модари бехатар чиҳо мебошанд?**

A) танзими оила; B) назорати антенаталӣ; C) зоиши бехатар; Д) дастрасии ёрии махсусгардонидашуда; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**146. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди ҳифзи саломатии аҳолӣ» ҳуқуқи интихоби услуби пешгирии ҳомила дар ихтиёри кӣ мебошад?**

A) ҳамсари зан; B) хешовандони зан; C) худи зан;

Д) шарики зан; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**147. Барои гӯш кардани дилзании ҷанин чиро истифода мебаранд?**

A) танометр; B) фонендоскоп; C) соат, стетоскоп; Д) тасмаи сантиметри; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**148.Оқибатҳои таъсири сирояти модар ба кӯдак?**

A) Боздошташавии инкишофи батни модарӣ; B) фавти ҷанин; C) исқоти ҳамл, бачапартоӣ;

Д) нуқсонҳои модарзодӣ; E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**149.Давраи пубертати ин-**

A) даврае, ки дар организм фаъолшавии вазифаи тухмдонҳо ба амал меоянд;

B) даврае, ки дар духтарак афзоиши тези ҷинсӣ баамал меояд;

C) синне, ки мавзеъҳои муайяни бадан бо муй пушида мешаванд;

D) ҳамаи номбаршудагон; E)Инкишоф ё бараксшавии вайроншавии ҳайз

**150.Норасогии вазни бадан яке аз сабабҳои :**

A)дер ба амал омадани якум ҳайз; B)давомнок будани ҳайз;

C)инкишоф ё баръакс шавии вайроншавии ҳайз; D)ҳеҷ кадоме аз номбаршудагон;

E)дар синни кӯдакӣ бемориҳои сироятӣ гузаронида шудааст.